Офариниши ҳар кадоми шумо дар шиками модараш дар чиҳил рӯз ба таври оби манӣ воқеъ мегардад

Аз Абуабдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: "Расули Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам), ки ростгӯ ва тасдиқшуда аст барои мо фармуд: "Офариниши ҳар кадоми шумо дар шиками модараш дар чиҳил рӯз ба таври оби манӣ воқеъ мегардад, пасон ба монанди ҳамон (миқдор) хуни баста мегардад, боз монанди ҳамон (миқдор) порчаи гӯште мегардад. Сипас малоикае ба сӯйи ӯ фиристода мешавад ва рӯҳро дар он медамад, пас он (малоика) ба чаҳор чиз амр карда мешавад: ба навиштани ризқи он (шахс), муддати зиндагонии он (шахс), амали он (шахс) ва бадбахтӣ ё хушбахтии он (шахс). Қасам бар Худое, ки ҳеҷ маъбуде барҳақ ҷуз Ӯ нест, ба дурустӣ, яке аз шумо ҳатман амали аҳли биҳиштро анҷом медиҳад, то байни ӯ ва байни биҳишт (масофаи) як оринҷ наmemонад, вале тақдираш бар вай сабқат карда, амали аҳли дӯзахро анҷом медиҳад ва дар он дохил мешавад. Ба дурустӣ, яке аз шумо ҳатман амали аҳли дӯзахро анҷом медиҳад, то байни ӯ ва байни дӯзах (масофае) наmemонад, вале тақдираш бар вай сабқат карда амали аҳли биҳиштро анҷом медиҳад ва дар он дохил мешавад".

[Саҳеҳ] [رواه البخاري ومسلم]

Ибни Масъуд мегӯяд: Расули Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод), ки ӯ дар гуфтораш ростгӯ ва тасдиқшуда аз ҷониби Аллоҳ аст ба мо чунин фармуданд: Тарзи офариниши ҳар яке аз шумо ба гунае аст, ки чун мард бо ҳамсараш ҳамхобагӣ мекунад оби мании парокандаи ӯ дар шиками зан муддати чиҳил рӯз ба шакли нутфа мемонад. Сипас чиҳил рӯзи дигар алақа, ба монанди хунпораи ғафс, мемонад. Боз чиҳил рӯзи дигар табдил ба музға, гӯштпорае ба монанди луқмаи ҷавидашуда, боқӣ мемонад. Сипас Худованд пас аз поёни чиҳилрӯзаи сеюм фариштаеро мефиристад то дар он рӯҳро бидамонад. Ба фариштa дастур дода мешавад то чор чизро бинависад, ки иборатанд аз: ризқи ӯ, яъне ҳамон андоза аз неъматҳое, ки дар зиндагӣ ба даст меорад. Аҷали ӯ, яъне ҳамон муддат ва замоне, ки дар дунё боқӣ мемонад. Амали ӯ, яъне чи амалҳоеро анҷом медиҳад? Ӯ як шахси бадбахт хоҳад буд ва ё хушбахт. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) савганд ёд мекунад, ки шахсе амалҳои биҳиштиёнро анҷом медиҳад, ба гунае ки ба чашми мардум амали нек вонамуд мегардад, то инки миёни ӯ ва биҳишт ба андозаи як зироъ (як газ) мемонад, (яъне: миёни ӯ ва расидан ба биҳишт фосилае ҷуз як газ наmemонад), аммо тақдир ва ончи бар ӯ навишта шудааст ғолиб омада ногоҳ амале аз амалҳои дӯзахиёнро анҷом дода поёни кораш ворид шудан ба

ҷаҳаннам аст. Зеро шарти қабули амал устуворӣ дар он аст. Ҳамин гуна шахсе амалҳои аҳли дӯзахро анҷом медиҳад, то инки барои ворид шудан ба дӯзах ҷуз масофаи як зироъ наменонад, ногаҳон тақдир бар ӯ ғолиб омада амале аз амалҳои биҳиштиёнро анҷом медиҳад ва вориди ҷаннат мешавад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/66513